**Шамсиддин Муҳаммадӣ**
**номзади илми филология**

## Қасидаи гумшудаи Рӯдакӣ

Дар ҷомеътарин таҳқиқот дар бораи осору рӯзгори устод Рӯдакӣ нигоштаи зиндаёд Саъид Нафисӣ аз 93 маъхази қарнҳои гуногуни ашъори бозмондаи устод зикр рафтааст. Ин маъхазҳо аз нигоҳи илмӣ ва эътибор дар пояҳои гуногун қарор доранд. Қабл аз ҳама бояд гуфт, ки дар ин шумор чанд нашри муосири ашъори устод ба масобаи маъхаз омадаанд, мисли мақолаи Ҳерман Этте (№ 66), мақолаи Валади Чалабӣ дар маҷаллаи «Дорулфунун дарсларӣ» (№ 54), Намунаи адабиёти Эрон (№ 50), Намунаи адабиёти тоҷик (№ 52), Осори Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Сталинобод 1958 (№ 85), ки худ аз маъхазҳои дигар осорро ҷамъ овардаанд ва аз нигоҳи маъхазшиносӣ дасти дувум ба ҳисоб меравланд.

Нахустин таснифоти маъхазҳои ашъори бозмондаи Рӯдакиро Л. И. Брагинская дар муқаддимаи [Рудаки. Стихи. –Душанбе: Ирфон, 1987] анҷом додааст. Дар ин таснифот маъхазҳои истифода намудаи Саъид Нафисӣ бо шуморагузории худ омадааст, вале аввалан сарчашмаҳои то қарни даҳуми ҳиҷрӣ (38 адад) ва баъдан асарҳои баъд аз қарни даҳуми ҳиҷрӣ (44 адад) ва асарҳое, ки дар Саъид Нафисӣ наомадаанд, бидуни шуморагузорӣ оварда шудаанд, мисли “Фарҳанги Қаввос”, “Донишномаи Қадархон”, “Фарҳанги Қатрон” аз мақолаи Аскари Ҳуқуқӣ дар маҷаллаи Донишкадаи адабиёт, шумораи 3-4, 1338.

Дар ин таснифот маъхазҳои гурӯҳи аввал ҳам аз нигоҳи замонӣ ва аз ҳам аз нигоҳи дар бар гирифтани ашъор ва ҳам аз нигоҳи забти он дорои аҳаммият мебошанд. Дар маъхазҳои гурӯҳи дувум агарчи баъзе ашъори тоза сабт шуда бошанд ҳам барои гуногунхонии ашъор ва тасҳеҳи абёт ва такмилу бозхонии онҳо аз аҳаммият холӣ нестанд.

Вале ҳамаи маъхазҳо дар сабту забти ашъор якдаст ва қобили эътибори илмӣ наметавонанд бошанд. Баъзе аз онҳо дар омехтани ашъори дигарон ба устод ва баръакс ашъори эшон ба дигарон саҳим мебошанд, ки дар ин бора муҳаққиқони ашъори устод навиштаанд.

Агар ин маъхазҳоро аз лиҳози муҳтаво ва сохтор ҷудо намоем: асарҳои фарҳангномаӣ [луғатҳо чун "Луғати фурс", "Донишномаи Қадархон", "Фарҳанги Қаввос", "Маҷмаъу-с-сурур", "Туҳфату-л-албоб"...], осори адабиётшиносӣ ["Тарҷумону-л-балоға", "Алмуъҷам", "Ҳадоиқу-с-сеҳр", "Меъёру-л-ашъор", "Маҷмаъу-с-саноеъ"...], осори тазкиравӣ ["Лубобу-л-албоб", "Тазкирату-ш-шуаро", "Арафоту-л-ошиқин"...], баёзҳо, ҷунгҳо, маҷмӯаҳои ашъор, асарҳои таърихӣ, асарҳои дорои вижагии умумӣ мисли "Бадоеъу-л-вақоеъ", асарҳои мақомоти сӯфиён ва дар ин авохир чандин байти устод аз асарҳои фиқҳӣ, тафсирҳо ва осори сӯфия ба даст омадаанд, ки аз фарогирии муҳтавоии ин осор гувоҳӣ медиҳанд ва баёнгари нуфузи ашъори устод дар қишрҳои гуногуни ҷомеа ва танаввуъи мавзӯии он метавонад бошад.

Дигар он ки ҳангоми сабти ашъори устод баъзе аз маъхазҳо ягона ва бидуни нусхабадал мебошанд, ки муҳаққиқон маҷбуран аз он бозхонии худашонро пешниҳод мекунанд ва аз ин даст аст қитъаи аз "Имола"-и Абусаъди Саммон мутакаллими муътазилӣ-зайдии аввали қарни панҷум пайдо гардида, ки се хониши он аз тарафи Алиашрафи Содиқӣ, Масъуди Қосимӣ ва Осафи Фикрат маълум аст.

Аммо дар бораи як навъи маъхази ашъори Одамушшуаро ин ҷо бояд тааммул намуд. Ин маъхаз ашъори шуарои дигар, ки шеъри Рӯдакӣ зимни онҳо омадааст. Аз ин навъ маъхазҳо он чи то имрӯз маълум аст ва яқинан бо забти номи Рӯдакӣ расидаанд: 1) як мисраъ ("**Сирри ҳакимон ба Хуросон мар аст**") дар матни шарҳи Муҳаммад ибни Сурхи Нишобурӣ бар қасидаи ҳикамии Абулҳайсами Ҷурҷонӣ, ки ба ин қасида Носири Хусрав ҳам дар "Ҷомеъу-л-ҳикматайн" шарҳ навиштааст, вале шарҳи Муҳаммад ибни

Сурх нахустин буда, 76 байти ин қасидаро фаро мегирад ва ин Муҳаммад ибни Сурхи Нишобурӣ падари Абӯҷаъфари Насавӣ ё Нишобурӣ –устоди Низомии Арӯзии Самарқандӣ будааст, аз ин рӯ замони зиндагии ӯро авохири қарни IV ҳиҷрӣ ва авоили қарни V ҳиҷрии қамарӣ донистаанд [Ш.Муҳаммадӣ. Абулҳайсами Ҷурҷонӣ//Донишномаи Рӯдакӣ, ҷ.1, 2008, саҳ.45]. Дар баёни инсиботи мустақими ин мисраъ ва далелҳои аз Рӯдакӣ будани он муфассал нигаред ба "Девони Рӯдакӣ" [Таҳия,тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. –Душанбе: Бухоро, 2015. -332 саҳ., саҳ.251-252].

2) Як мисраъ дар тазмини Манучеҳрӣ дар байти охири қасидаи 65 бо тасреҳи номи Рӯдакӣ омадааст:

Ҷуз ин дуот нагӯям, ки Рӯдакӣ гуфтааст:
"**Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ**" [Девони Манучеҳрии Домғонӣ, саҳ.129.].

3) Дар бораи тазмини сеюм касе аз муҳаққиқон ва мураттибони девони шоир бо он ки бидуни зикри манбаъ танҳо байтро овардаанд, тавзеҳ надодаанд [Саъид Нафисӣ. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. –Теҳрон: Аҳуро, 1382. Саҳ. 531; Рӯдакӣ. Девон, Таҳия,тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. –Душанбе: Бухоро, 2015, саҳ.99]. Ин тазмин дар Девони Фаррухии Систонӣ, дар қасидаи шумораи 313, бо зикри номи Рӯдакӣ омадааст:

Як байт шеър ёд кунам ман, ки Рӯдакӣ

Гарчи туро нагуфт, сазовори он туӣ;

"**Ҷуз бартарӣ надонӣ, гӯӣ, ки оташӣ,**

**Ҷуз ростӣ наҷӯӣ, моно тарозуӣ**" [Девони Ҳаким Фаррухии Систонӣ, саҳ. 401].

Дигар тазминҳои шеъри Рӯдакӣ ба "Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён" аст, ки шоироне чун Муиззӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Саноӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Ҳофиз аз машҳуртарини онҳо ҳастанд, ки баъзе байтҳои шоирро бидуни зикри ном ва айнан овардаанд. Ва моҷарои тазмину пайравии ин суруда поённопазир аст ва доманаш то рӯзҳои мо кашида мешавад.

Аммо ахиран муҳаққиқи эронӣ Муҳсин Шарифии Саҳҳӣ аз нусхаи шумораи 5976 Китобхонаи Маҷлис (марбути қарни 11/17 масеҳӣ) дар зайли ашъори Қатрон, пас аз ашъори Рӯдакӣ (ки бештари он аз Қатрон аст) қасидае

дар 16 байт пайдо ва ба сабт расонидааст (Ёддоштҳои Муҳсин Шарифии Саҳҳӣ, таҳти унвони “Баррасии эҳтимоли нисбати қасидае ба Рӯдакӣ”, аз 19 июни 2020), ки ба андешаи ӯ эҳтимол аст ин ашъор “абёти гумшудаи қасидае бошад, ки Фаррухӣ байте аз онро тазмин кардааст”:

Эй навбаҳори хурраму эй ҷашни хусравӣ,
Гӯӣ, ки рӯю мӯйи гаронмоя хусравӣ.

Фархунда бод бар ваю бар дӯстони вай,
Ин рӯзгори фарруху ин ҷашни хусравӣ.

Эй он ки чун ту шеър напайваст Буҳтурӣ,
В-эй он ки чун ту илм надонист Хусравӣ.

Гӯянд ҷодуӣ сухани дилситон бувад,
Гар ин ҳақиқат аст, сари ҷодувон туви.

Фитна шуданд бар сухани ту ҷаҳониён,
Инат бузург тунбулу[1] дастони ҷодувӣ.

Ҷуз фозиле ба фазли бузурги ту награвад
В-аз мардумӣ ба фазли ҳама халқ бигравӣ.

**Гӯӣ, ки лавҳи маҳфуз андар замири туст,**
К-аз табъи ту бурун нашавад ҳар чӣ бишнавӣ.

**Рӯзе ҳазор чиз [хайр?] надода наёрамӣ,**
Як шаб ҳазор некӣ нокарда нағнавӣ.

---

[1] Тунбул- ҳиллат ва макр бувад (Луғути фурс, чопи Иқбол, саҳ.314), макру ҳилла (Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ, Фарҳанги Рашидӣ, Анҷуманоро, Онандроҷ). Ҳилла ва найрангу макру фиребу ҷодуӣ (Бурҳон аз Шарафномаи Мунярӣ, Нозиму-л-аттибо). Канбура, дастон (ёддошт ба хатти марҳум Деххудо).

Ҳама ба тунбулу банд аст бозгаштани ӯ,
Шаранги нӯшомеғ асту рӯйи зароғанд (Рӯдакӣ)

Падид тунбули ӯ, нопадид миндили ӯ,
Дигар намояду дигар бувад ба сони сароб (Рӯдакӣ)

Дастгоҳи ӯ надонад, ки чӣ рӯй,
Тунбулу канбураву дастони ӯй (Рӯдакӣ).

(мисолҳои дигар аз Дақиқӣ-2 маврид, Тоҳири Фазл, Кисоӣ, Абӯнасри Марғазӣ, Фирдавсӣ-5 маврид, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Носири Хусрав, Муиззӣ, Низомӣ, Камоли Исмоил, Шамси Фахрӣ)

**Ҳаргиз танат накард[а] ҷуз роҳи мардумӣ,**
**Ҳаргиз дилат надод[а] ҷуз роҳи некувӣ.**

То зиндаӣ чунин куну з-ин ҳеч бармагард,
**К-охир ҳар он чӣ корӣ, як рӯз бидравӣ.**

Лафзи ту ҳаст хубтар аз лафзи Асмаъӣ,
Хатти ту ҳаст хубтар аз нақши Монавӣ.

Ҳар к-ӯ фақир назди ту ояд, шавад ғанӣ,
Ҳар к-ӯ заъиф сӯи ту ояд, шавад қавӣ.

**Ройи ту ҳаст бартар аз ройи ҳиндувон,**
**Теғи ту ҳаст бартар аз теғи ҳиндувӣ.**

Аз ҳиммати баланд ба чархи барин расӣ,
Ҳарчанд ҳамчу мо ба замин-бар ҳамеравӣ.

Машҳур гаштаӣ ба адибиву олимӣ,
Маъруф гаштаӣ ба олимию накувӣ[2].

Чандон бимон ба коми дили хеш дар ҷаҳон,
К-Эзид яке дигар ҷаҳон созад аз навӣ [нусхаи 5976, 579].

Аз он ҷо, ки бештарин ихтилоти шеъри устод Рӯдакӣ бо Қатрон аст, ҳам ба таҳқиқи муаллифи мақола ва ҳам ба таҳқиқу баррасии ин ҷониб хушбахтона, ин шеър дар девони чопии Қатрон наомадааст ва ба шаҳодати Муҳсини Шарифӣ дар нусхаҳои хаттии девони ӯ ҳам дида нашудааст (Ёддоштҳои Муҳсин Шарифии Саҳҳӣ, таҳти унвони “Баррасии эҳтимоли нисбати қасидае ба Рӯдакӣ”, аз 19 июни 2020 саҳ. дувум). Ва аммо чанд далели дигар ҳам барои интисоби ин шеър ба устод Рӯдакӣ ҳаст, ки байти 13-и ин шеър зайли луғати “теғи ҳиндуӣ” дар “Фарҳанги Онандроҷ” [Подшоҳ, ҷ.2,1336,1264] ба номи Рӯдакӣ омадааст (Ин байтро дар Девони Рӯдакӣ, наёфтам – Ш.М.), ки Деҳхудо ба табаъи соҳиби “Фарҳанги Онандроҷ” ва ба нақл аз вай ба номи Рӯдакӣ овардааст:

Ройи ту ҳаст бартар аз ройи ҳиндувон,
Теғи ту ҳаст бартар аз теғи ҳиндувӣ.

---

[2] Дар асл “накӯвию олимӣ” буд, ки қиёсан ислоҳ шуд – Ш.М.

Боз ҳам Деҳхудо ҷойи дигар дар ҷилди 15 “Луғатнома” зайли “теғи ҳиндуӣ”, “теғи муҳаннад”, “теғи ҳиндӣ”, “теғи ҳиндуигавҳар” ин байтро ба номи Рӯдакӣ меорад:

Ройи ту ҳаст бартар аз ройи ҳиндувон,
Ҷустам илоҷи ту ба сари теғи ҳиндувӣ [Луғатнома, ҷ.15, 1377, саҳ.23566].

Ва ин байтро аз Сӯзанӣ дар ҷилди 5 овардааст:

Мохӯлиёи куфр табаҳ кард мағзи ту,
Ҷустам илоҷи ту ба сари теғи ҳиндуӣ [ҷилди 5, саҳ.7725].

Аммо тавре дида мешавад, байти Рӯдакиро бо байти Сӯзанӣ махлут кардааст аллома Деҳхудо ва дар мадхали дигар ин байтро оварда, дучори иштибоҳ шудааст.

Пайдо шудани “байти 13 ба номи Рӯдакӣ интисоби шеъри болоро ба Рӯдакӣ тақвият медиҳад” [Муҳсини Шарифӣ, саҳ. дувум], вале пайдо нашудани байти тазмин кардаи Фаррухиро муаллифи мақола, байте дигари ин қасида медонад, ки дар ин шеър наомадааст.

Далели дигари муаллифи мақола яксонии мазмуну муҳтаво, вазну қофия ва сохтори шеъри 16-байтии пайдошуда ва қасидаи 29-байтии Фаррухӣ, ки “бо баҳрагирӣ аз қавофии қасидаи 16-байтӣ суруда шудааст, ки дар пай меояд”[3]:

Эй қасди ту ба дидани айвони кисравӣ,
Андеша кардаӣ, ки ба дидори он равӣ.

Дар дасту рӯйи ӯ зи ҳунар сад далел ҳаст,
Чун муъҷизи паямбариву фарри хусравӣ.

Тавқеъи ӯ ба дасти дабирони рӯзгор,
Чизе бувад ба ғоят аз он сӯи ҷодувӣ.

Гар мардумӣ нубувват гардад ҷаҳон ба ту
Якрӯя бигравандy ба кас ту бинагравӣ.

[3] Бояд ин ҷо афзуд, ки Муҳсини Шарифӣ аз 29 байт қасидаи Фаррухӣ танҳо 10 байти онро овардааст ва аз кадом чопи девони шоир ё нусхаи қаламии он гирифтанашро зикр накардааст, ки ҳангоми муқоиса бо нашри “Девони Ҳаким Фаррухии Систонӣ”, бо муқаддима ва ҳавошиву таълиқот ва феҳристи аълому луғот ва муқобалаи нусухи муътабар, ба кӯшиши дуктур Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, Теҳрон, интишороти Заввор, чопи ҳаштум, баҳори 1388/2012, саҳ. 400-401, тартиби байтҳо фарқ мекунанд, ки ин мавзӯи баҳси дигар аст.

Бо бихрадон нишин, чу бихоҳӣ ҳаме нишаст,
Бо некувон ғанав, чу бихоҳӣ, ки биғнавӣ.

Ин он биност, к-аз бари ӯ хӯшаи фалак,
Дар вақт бидравӣ, чу бихоҳӣ, ки бидравӣ.

Боғе ниҳода ҳам бари ӯ бо чаҳор бахш,
Пурнақшу пурнигор чу "Артанг"-и Монавӣ.

Рояш, чунон ки лафзи бузургон бувад, матин,
Азмаш, чунон ки бозуи гурдон бувад, қавӣ.

З-онч-ӯ ба нӯки хома кунад, сад яке кунанд
Мардони кордида ба шамшери ҳиндувӣ.

Он меҳтарӣ, ки бахт ба даргоҳи ту бувад,
Чун ройи ӯ куниву ба даргоҳи ӯ равӣ.

Бадхоҳи ту ба дарду ба андуҳи дил бувад,
Ту гар навӣ, зи ромишу аз коми дил навӣ.

Сипас муаллифи мақола барои таъйиди он ки ин шеър аз Рӯдакӣ аст, чанд далели дигарро ҳам овардааст, ки иборатанд:

А) "Байти боло охирин байти қасидаи Фаррухӣ аст, ки қофияи он бо қофияи охирин байти қасидаи 16-байтӣ якест ва ҳар ду дар дуогӯии мамдуҳ аст. Рӯдакӣ сухани мамдуҳро ҷодуӣ дониста ва Фаррухӣ низ тавқеъи мамдуҳро ҷодуӣ хондааст ва бархе абёти мазкур аз қасидаи 29-байтии Фаррухӣ дар боло дорои қофияҳоест, ки дар қасидаи 16-байтӣ омадааст.

Б) Нуктаи дигар ин ки тибқи тақтеъи арӯзии байти Рӯдакӣ дар девони Фаррухӣ, Рӯдакӣ аз ихтиёри шоирӣ баҳра бурдааст; ӯ ду ҳиҷои кӯтоҳи охири рукни дувуми вазни мустафъилун мафоъилу мустафъилун фаъал(музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф)-ро бадал ба ҳиҷои баланд карда ва ин амр дар мисраъи аввали байти ҳафтум, мисраъи дувуми байти ҳаштум, ду мисраъи байти нуҳум, мисраъи дувуми байти даҳум ва ҳар ду мисраъи байти сездаҳум дар қасидаи 16-байтӣ такрор шудааст. В) Изофа бар ин ки Рӯдакӣ ба ин вазн бегона набуда, дар маҷмӯаи ашъори вай ҳадди ақал 50 байт бо ин вазн –аъам аз пайваста ва такбайт –вуҷуд дорад.

Ба ин далелҳо ҳаминро мкеафзоем, ки дар девони Фаррухӣ байте дигар аз устод Рӯдакӣ бидуни зикри номи шоир тазмин шудааст ва инро мусаҳҳеҳу мураттиби девони устод Қодири Рустам дар тавзеҳи ин байт:

Омад ин баҳори тавбашикан,
Парниён гашт боғу барзану кӯй [“Девони Рӯдакӣ”. Таҳия,тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам, саҳ., 99]

овардааст, ки мисраъи аввали ин байт “бо каме тағйир дар матлаъи қасидае аз Фаррухӣ дар мадҳи Хоҷа Абулқосим Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ омадааст:

Омад он навбаҳори тавбашикан,
Бозгаште бикард тавбаи ман” [Фаррухӣ, девон, саҳ.306; Қодири Рустам,саҳ. 351].

Хулоса, ба фикри муаллифи мақола ва мо ҳам дар ин ақидаем, ки то пайдо шудани далелҳои тоза ва мустанади муътабар қасидаи 16-байтиро бояд аз устод Рӯдакӣ донист, зеро “ба ҷуз байти 13-и он, ки дар “Онандроҷ” ба номи Рӯдакӣ сабт шуда, Фаррухӣ дар таълифи қасидаи ёдшуда байтҳои Рӯдакиро аз ин қасида пеши чашм доштааст, мазмуну муҳтаво ва қофияаш бо қасидаи Рӯдакӣ якест ва дар идома байтеро низ аз ӯ тазмин кардааст”.